آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

6 августи соли 2022
Шанбе
№ 62 (14867)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ТАЙЁРӢ ВА ДАР САТҲИ БАЛАНД БАРГУЗОР НАМУДАНИ ҶАШНИ 31-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

31 августи соли 1991 бо иродаи устувор ва ҷасорати халқи мо ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, бешубҳа, дар таърихи ҳазорсолаи кишвари мо воқеаи бузург ва фаромӯшнашаванда гардид, ки арзиш ва аҳамияти он бо мурури замон фақат зиёд мешавад.

Маҳз истиқлолияти миллӣ барои дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи сазовор пайдо кардани кишвари мо, бунёди давлати демократии ҳуқуқӣ ва ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, ба амал баровардани ислоҳоти густурда дар соҳаву бахшҳои гуногуни ҳаёт заминаи мустаҳкам фароҳам овард ва ҳамчун манбаи асосии ҳамаи муваффақиятҳо ва марраҳое, ки мо ба даст меоварем, хидмат мекунад.

Махсусан бояд гуфт, ки солҳои охир дар шароити душвори пандемияи коронавирус ва бӯҳрони иқтисодӣ, афзоиши рақобат, муқовимат ва низоъҳои гуногун дар ҷаҳон ба шарофати меҳнати фидокоронаи мардуми далеру устувори худ дар бунёди Ӯзбекистони Нав мо натиҷаҳои муҳим ба даст меоварем. Дастовардҳои моро ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф мекунад, муҳимтар аз ҳама, тафаккур ва ҷаҳонбинии ҳамватанони мо тағйир меёбад, ки онҳо натиҷаи ислоҳотро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ эҳсос мекунанд.

Мувофиқи Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 амиқ гардондани ислоҳоти куллӣ бо мустаҳкам намудани комёбиҳои ба даст овардашуда, ба нақшаи аввал гузоштани таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, шаъну шарафи ӯ вазифаи устувори мо ба ҳисоб меравад. Татбиқи ин вазифа халқи сермиллати моро дар роҳи фатҳи қуллаҳои баланд боз ҳам муттаҳид намуда, ба пойдории сулҳу субот дар кишвар, яклухтии арзӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳои давлатӣ, таҳкими дӯстии байни миллатҳо, ҳамбастагӣ ва таҳаммулпазирии байниконфессиявӣ дар ҷомеаи мо мусоидат мекунад.

Нақш ва аҳамияти бузурги истиқлолияти миллиро дар ба давлати ҳамаҷониба озод, шукуфон ва ободи табдил додани кишварамон, пурзӯр гардондани муҳаббату садоқат ба Ватан дар халқамон, бахусус дар насли наврас ба назар гирифта, инчунин барои сазовор истиқбол гирифтани 31-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани ин санаи фархунда:

**1.** Инҳо тасдиқ карда шаванд:

Ҳайати Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба омодагӣ ва дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашни 31-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд – Комиссияи ҷумҳуриявӣ) мутобиқи замимаи № 1;

Барномаи чорабиниҳои ташкиливу амалӣ, маънавию маърифатӣ ва корҳои тарғиботию тавзеҳотӣ, ки дар худ ғояи асосии «**Дар Ӯзбекистони Нав қадру қимати инсон, манфиатҳои халқ – арзиши олитарин**»-ро таҷассум намудааст, мувофиқи замимаи № 2.

**2.** Комиссияи ҷумҳуриявӣ (А. Арипов):

татбиқи самарбахши чорабиниҳоеро, ки дар Барнома пешбинӣ шудаанд ва ҷашни васеи Рӯзи истиқлолиятро дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, марказҳои вилоятӣ ва шаҳри Тошканд, инчунин дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, деҳот ва овулҳо таъмин намояд;

барои самаранок гузаронидани вохӯриҳои маърифатӣ, муколамаи ошкоро, суҳбату шабҳои адабию бадеӣ бахшида ба ҷашни истиқлолият, инчунин табодули афкор дар мавзӯъҳои муҳим ва чорабиниҳои фарҳангӣ байни табақаи васеи аҳолӣ дар тамоми минтақаҳо аз сафи арбобони маъруфи илм, фарҳанг ва санъат, зиёиёни эҷодкор гурӯҳҳои таблиғотӣ таъсис диҳад;

дар ҷамъомадҳои худ ҳисоботи роҳбарони ҳар як вилоят, вазорату идораҳоро дар бораи рафти иҷрои тадбирҳои пешбинишуда мунтазам шунавад.

**3.** Ба тайёр кардани чорабиниҳои идонае, ки дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд барпо мегардад, гурӯҳҳои эҷодӣ, аз ҷумла онҳое, ки дар ташкили баромадҳои оммавӣ маҳорат ва таҷрибаи зиёд доранд, сенариянависон ва режиссёрҳо, нависандагон ва шоирон, бастакорон ва балетмейстерон, рассомони саҳна, намояндагони санъати мақом ва бахшигӣ, инчунин иҷрокунандагони ҷавони боистеъдод васеъ ҷалб карда шаванд.

**4.** Барои дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашни истиқлолият ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи хоса дода шавад:

самарабахш инъикос намудани ислоҳоти куллии демократӣ, ки дар солҳои охир дар кишварамон ба амал бароварда мешаванд, тағйироти мусбате, ки дар ҳаёти воқеӣ, шуур ва ҷаҳонбинии халқамон рух медиҳанд;

то ба ҷомеаи васеъ дар асоси таҳлили амиқ, мисолҳои ҳаётии аниқ расондани корҳое, ки дар Ӯзбекистон оид ба мустаҳкам намудани муҳити дӯстӣ ва ризоияти байни намояндагони миллату элатҳои гуногун, таъмини ҳаёти орому осоишта дар ҷамъият амалӣ мегарданд;

ташкили чорабиниҳои маънавӣ-маърифӣ, ки ба қадршиносӣ ва ҳифзи ҳаёти имрӯзаи осоишта ва озодона, бо ҳисси шукрона зиндагӣ кардан, гиромӣ доштани қадру қимати инсон даъват менамояд;

маълумот додан аз натиҷаҳои мушаххаси барномаҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд, таваҷҷуҳ ва ғамхории доимӣ ба ҷавонон, занон, намояндагони насли калонсол, ба шахсони ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд;

гузаронидани чорабиниҳои хайриявӣ бахшида ба ид оид ба дастгирии собиқадорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ва намояндагони насли калонсол, аёдат ва расонидани кумак ба онҳое, ки ба «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон», «Дафтари ҷавонон» дохил шудаанд ва ҳамватанони ниёзманди кӯмак.

**5.** Ба Вазорати фарҳанг (О. Назарбеков):

якҷоя бо Маркази ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат (М. Ҳоҷиматов) ва Иттифоқи нависандагон (С. Саидов) дар муддати як ҳафта барнома ва сенарияи намоиши консертии театрикунонидашударо дар шаҳри Тошканд бахшида ба ҷашни истиқлолият таҳия намояд;

оиди бо ҷалб намудани коркунони пуртаҷрибаи эҷодӣ ва мутахассисони баландихтисос дар сатҳи баланди ғоявию бадеӣ тайёр кардани ин намоиши мазкури консертӣ чораҳо андешад.

**6.** Вазорати фарҳанг (О. Назарбеков), Академияи бадеӣ (А. Нуриддинов), Иттифоқи нависандагон (С. Саидов), Иттифоки журналистони Ӯзбекистон (О. Ӯсаров), Иттиҳодияи эҷодии «Тасвирий ойина» (И. Латипов) якҷоя бо ташкилотҳои дахлдор дар сатҳи баланд баргузор намудани азназаргузаронӣ-озмунҳои анъанавии **«Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз», «Симои Ватан – бо чашми мусаввир», «Баҳри Ватан зистан!»**-ро таъмин намоянд.

**7.** Муқаррар карда шавад, ки гузаронидани чорабиниҳои идона:

Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо — аз ҳисоби манбаъҳои иловагии буҷаҳои дахлдори маҳаллӣ, инчунин хайру эҳсони ҳомигӣ;

дар шаҳри Тошканд — аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд дар ҳиссаҳои баробар бо сметаи хароҷот, ки Комиссияи ҷумҳуриявӣ тасдиқ кардааст, маблағгузорӣ карда мешавад.

**8.** Ба Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон (А. Хаджаев), Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон (А. Кӯчимов), Агентии иттилоотии «Дунё» (С. Суяров), Ассотсиатсияи миллии ВАО-и Узбекистон (Ш. Кудратхӯҷа) ва дигар васоити ахбори омма тавсия дода шавад, ки корҳоро оид ба омодагӣ ва гузаронидани ҷашни 31-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳаматарафа инъикос намоянд.

**9.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.А. Абдувахитов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*1 августи соли 2022.*

## ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО – БА НАФЪИ ҲАМА

**Дар Тошканд таҳти раёсати Ӯзбекистон Анҷумани роҳбарони воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии кишварҳои узви СҲШ баргузор шуд.**

– Иштироки шумо дар чорабинии имрӯза далели равшани азми устуворатон ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои стратегии бисёрҷанбаи кишварҳои узви СҲШ мебошад, – изҳор намуд ноиби Нахуствазир — вазири инвеститсия ва тиҷорати берунаи Ӯзбекистон Ҷамшед Хоҷаев.

Ҳаҷми маблағгузориҳое, ки аз мамлакатҳои созмон ба мамлакати мо ҷалб карда шудаанд, 4,6 млрд. долларро ташкил медиҳад, ки бештар аз нисфи ҳаҷми умумии сармоягузории ба Ӯзбекистон ҷалбшуда мебошад. Ҳамаи ин аз мавҷудияти манфиати азими тарафайн барои барпо намудани шарикии тиҷорати муштарак шаҳодат медиҳад.

Маълум шуд, ки дар шаҳри Самарқанд дар чаҳорчӯби СҲШ платформаи амалӣ намудани лоиҳаи минтақаи саноатии "Ӯзбекистон– СҲШ" ташкил карда мешавад. Таъсиси Маркази рушди лоиҳаҳои сармоягузории СҲШ дар қаламрави минтақаи саноатӣ хеле муҳим аст. Вазифаи асосии он сафарбар намудани иқтидори саноатӣ, инфрасохторӣ, ашёи хом ва имкониятҳои инсонии кишварҳои узви созмон тавассути татбиқи ташаббусҳои муштараки лоиҳавӣ мебошад.

Ба сифати самти дуюм фаъолсозии ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини хӯрокворӣ ва кишоварзӣ барномарезӣ шудааст. Дар ин замина комплекси агросаноатии тараққикарда яке аз омилҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣи кишварҳои СҲШ, инчунин таҳкими мавқеи созмон дар бозори ҷаҳонии кишоварзӣ мебошад.

– Самти сеюм туризм аст. Мо дорои имкониятҳои васеъ дар бобати тавсеаи ҳамкориҳо оид ба туризм мебошем. Дар ҳар як кишвари созмон ёдгориҳои нодири таърихиву фарҳангӣ, табиӣ ва меъморӣ мавҷуданд. Мо метавонем туризми экологӣ, саломатӣ ва зиёратиро фаъолона инкишоф диҳем. Дар ин замина маҳз минтақаҳо бояд нақши пешбаранда дошта бошанд ва барои шаҳрвандон шароитҳои замонавӣ пешниҳод кунанд, ки ҷолибу назаррабо мебошанд, – гуфт Ҷ. Хоҷаев.

Намояндаи Тоҷикистон Шарифҷон Ҷумъазода афзалияти соҳаи амниятро дар фаъолияти СҲШ барои кишвараш ва соири кишварҳои дигар хеле муҳим арзёбӣ кард. Вай илова намуд, ки дар Тоҷикистон инчунин ба рушд ва таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи СҲШ аҳамияти махсус медиҳад.

Баъд ҷаласаҳои пленарӣ таҳти унвони "Дурнамои рушди тиҷорати байниминтақавии кишварҳои узви СҲШ» барпо шуданд.

Дар бизнес-форум, ки бо иштироки роҳбарону намояндагони воҳидҳои маъмурӣ – ҳудудии кишварҳои узви СҲШ сурат гирифт, ҳамкориҳои намояндагони доираҳои соҳибкории кишварҳои узви СҲШ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар доираи чорабиниҳои Тошканд намоишгоҳи корхонаҳои вилояти Челябински Русия ба кор сар кард. Ин намоишгоҳ то моҳи ноябри соли равон давом хоҳад кард.

– Вилояти Челябинск бо Ӯзбекистон муносибатҳои тӯлониро барқарор намудааст. Ӯзбекистон яке аз муҳимтарин шариконии стратегӣ барои мо боқӣ мемонад. Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо мо тасмим гирифтем, ки ин намоишгоҳро ифтитоҳ кунем, – ибroз дошт губернатори ин вилоят Алексей Текслер.

Вай боз тазаккур дод, ки умедвор аст чунин формати корҳову чорабиниҳо дар таҳкими равобити тиҷоратӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи субъектҳо хеле мусоидат мекунад.

Ногуфта намонад, ки аз рӯи натиҷаҳои соли 2021 вилояти Челябинск дар байни тамоми минтақаҳои Русия аз рӯи ҳаҷми содирот ба Ӯзбекистон пас аз Маскав дар ҷои дуюм қарор дорад.

**Мирасрор АХРОРОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**



*Дар нимаи аввали соли ҷорӣ аз тарафи корхонаҳои таркибии ҶС «Ӯзбеккӯмир» 2,4 млн тонна ангишт гирифта шуд. Ҷамоаи корхона ба нақша гирифтаанд, ки то охири сол ба истеъмолгарон 4,8 млн тонна сӯзишвории босифат расонанд.*

*Ангиште, ки аз ин мавзеъ гирифта мешавад, ба беш аз сад ҳазор хонаводаи ҳамватанонамон гармиву рӯшноӣ мебахшад.*

*Азбаски эҳтиёҷи аҳолӣ нисбат ба ин намуди сӯзишворӣ ҳамеша зиёд аст, ҷамоаи корхона аз фаъолияти доимии худ мамнун.*

***Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.***

***Нуқтаи назари депутат***

## БАРОИ ВОМҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ЗАНОН ГАРАВ ВА КАФОЛАТ ТАЛАБ КАРДА НАМЕШАВАД

***Субот ва пешрафти муҳити сиёсӣ, иҷтимоию маънавии ҷомеа ба муносибат ва таваҷҷуҳ ба зан ва оила вобаста аст. Сабаб дар он аст, ки дар ташаккул ва вусъат додани маънавиёти ба худ хоси миллат бешубҳа, нақши оила, дар оила бошад, ҷойгоҳи зан алоҳида аст.***

Солҳои охир дар мамлакатамон ба фароҳам овардани шароити мусоид барои занону духтароне, ки мехоҳанд таҳсил гиранд, дастгирӣ кардани пайваста баланд бардоштани малака ва салоҳияти илмии онҳо эътибори калон дода мешавад.

Инчунин, дар кишварамон низоми миллии ҳуқуқӣ офарида шуд, ки ба таъмин кардани баробарии ҳуқуқи занон бо мардон дар тамоми соҳаҳо, гиромӣ доштани онҳо, ҳифзи ҳуқуқи қонунӣ ва манфиатҳои онҳо нигаронда шудааст.

Агар гӯем, ки қарори сарвари давлат аз 18 июли соли равон «Дар бораи чораҳои дастгирии таҳсилоти занон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи махсус ва касбӣ» дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии онҳо ба давраи нав ва марҳалаи нав оғоз бахшид, муболиға нахоҳад шуд.

Вақте ки бо ин қарор шинос шудам, боварӣ ҳосил кардам, ки он яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимтаринест, ки мақсад аз он дар солҳои минбаъда ҳамаҷониба дастгирӣ кардани бонувон мебошад. Зеро, дар ҳуҷҷат бинобар соҳиби маълумот ва маҳорати касбӣ шудани духтарон, дуруст равона намудани қобилияти онҳо вазифаҳои аввалиндараҷа муайян карда шудаанд.

Аз ҷумла, мувофиқи фармони дахлдори сарвари давлат аз 7 марти соли 2022 аз соли таҳсили 2022/2023 дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи махсус ва касбии хусусӣ, хориҷӣ ва давлатии ҷумҳурӣ барои тибқи қарордоди пулакӣ дар шаклҳои таълими рӯзона, ғоибона ва шабона таҳсил гирифтани занону духтарон ба мақсади бо шартҳои имтиёзнок маблағгузорӣ карда шудани қарзҳои таълимӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ низоми нави аз буҷаи давлат ҷудо кардани маблағ ҷорӣ карда мешавад.

Аз ҷумла, далели аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ҷудо карда шудани қарзҳои таълимӣ дар ставкаи 14 фоиз, танҳо баъд аз ним соли хатми мактаби олӣ оғоз ёфтани адои қарзи асосӣ, дар тӯли ҳафт сол идома меёбад ва имтиёзҳои дигар барои ҷомаи амал пӯшидани орзуи ҳазорҳо занон, ки солҳои дароз кӯшиш намудаанд, ки таҳсил гиранд, қарори муҳим хоҳад гардид.

(Давомаш дар саҳ.3).

## БА КОРМАНДОНИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАНИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

*Муҳтарам кормандони соҳаи роҳи оҳан!*

*Собиқадорони азиз!*

*Самимона, аз таҳти дил, шумо, коргарон ва хидматчиён, бинокорон ва муҳандисон, мошинистон ва проводникҳо, ҳамаи онҳоеро, ки дар ин низом меҳнат мекунанд, бо Рӯзи кормандони нақлиёти роҳи оҳан табрик менамоям, бароятон эҳтироми амиқ ва беҳтарин таманноҳоро орзу менамоям.*

*Дар ин рӯзи хуш, дар остонаи санаи бузург – 31-умин солгарди истиқлолияти Ватани азизамон, дар бораи меҳнати масъулиятнок ва шарафнокатон сухан ба миён оварда, мо бо қаноатмандӣ таъкид менамоем, ки дар давраи гузашта ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йўллари» роҳи бузурги инкишофро тай намуд.*

*Дар солҳои истиқлолият беш аз 2400 километр роҳи нави оҳан гузошта шуд, беш аз се ҳазор километр электриконида, 1100 километр роҳи оҳан реабилитатсия гардид, ки ҳамаи ин дар бораи кори бузурге, ки дар муддати таърихан кӯтоҳ ба амал татбиқ гардид, гувоҳӣ медиҳад.*

*Низоми нави роҳи оҳани ҷумҳурӣ, ки бо меҳнати машаққатноки шумо ба вуҷуд оварда шудааст, босамар ва шабу рӯз бетанаффус кор мекунад ва ҳамзамон талаботи аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиётро таъмин месозад.*

*Муҳтарам кормандони соҳа!*

*Мо дар назди худ мақсади олии сохтмони Ӯзбекистони Навро гузоштаем ва ба инкишофи соҳаи роҳи оҳан чун ба омили муҳими тараққиёт эътибори алоҳида медиҳем.*

*Ба туфайли корҳои вусъатноке, ки дар солҳои охир дар ин соҳа ба амал татбиқ мегардад, потенсиали транзит ва обрӯи Ӯзбекистон меафзояд.*

*Васеъ гардидани шабакаи роҳи оҳан, бешубҳа, имконоти навро барои рушди мутаносиби тамоми минтақаҳо, ба таври маҷмӯӣ азхуд намудани захираҳои бойи маданиву ашёи хом боз менамояд. Ба таври дигар гӯем, роҳи оҳан ин низоми ҳаётан муҳими хунгарди мамлакат аст.*

*Тавре ки маълум аст, нақлиёти роҳи оҳан аз навъҳои муносибтарин ва бехатартарини нақлиёт ба шумор рафта, роҳҳоро кӯтоҳ менамояд, вақтро сарфа месозад ва барои одамон қулай мебошад. Таъкид бояд кард, ки ҳоло вақте ки тамоми ислоҳотамон дар асоси принсипи муфиди* ***«Ба хотири шараф ва қадри инсон»*** *татбиқ мегардад, нақш ва аҳамияти ин намуди нақлиёт торафт меафзояд.*

*Бинобар ин барои мо вазифаҳои бартаринок афзоиши ҳаҷми мол ва мусофиркашонӣ аз тариқи роҳи оҳан, таъмини бехатарии онҳо, баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддиву техникӣ ва потенсиали кадрҳои соҳа башумор меравад. Ҳамин тариқ, ҳоло парки локомотивҳо, вагонҳои бор ва мусофиркашонӣ такмил дода шуда, вокзалҳои нав, иншооти муҳандисӣ сохта шуда, ба тарбияи кадрҳои баландмалака, баланд бардоштани дараҷаи дониш ва таҷрибаи онҳо эътибори алоҳида нигаронда шудааст.*

*Дар натиҷаи ислоҳоти муттасил дар соҳа, дар пойтахтамон хатҳои Юнусобод ва Сергелии метрои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ ба баҳрабардорӣ супурда шуда, ба Хеваи қадима роҳи нави оҳан гузошта, вокзали замонавӣ сохта шуда, дигар лоиҳаҳои бузург ба амал татбиқ мегарданд.*

*Дар идомаи ин кор дар Тошканд сохтмони хати ҳалқавии метрои рӯизаминӣ бо суръати баланд пеш меравад, хати роҳи оҳани Бухоро – Мискин электриконидашуда, роҳи оҳани нави Шавот – Қароузак сохта мешавад, аз рӯи Амударё пули роҳи оҳан ва роҳи автомобилгард бунёд мешавад.*

*Фикр мекунам, ки ҳамаи мо хуб мефаҳмем, ки суръати баланди қарни имрӯза дар наздамон вазифаҳои боаҳамият ва муҳимро дар бобати рушди минбаъдаи соҳа мегузорад. Аз он ҷумла, бинобар талаботи Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав дар назди мо ҳанӯз вазифаҳои зиёд дар бобати такомули низоми роҳи оҳани мамлакат, татбиқи лоиҳаҳои бузург ва истиқболнок бо ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ба соҳа, тарбияи кадрҳои замонавии донишманд қарор дорад.*

*Боварӣ дорам, ки ҷамоаи муттаҳиди бисёрмиллати ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йўллари», ки молики потенсиали созандагии бузург мебошад, ин вазифаҳоро бомуваффақият ӯҳда менамояд ва соҳаи роҳи оҳани мамлакатро ба дараҷаи боз ҳам нави баланд мебардорад.*

*Муҳтарам кормандони нақлиёти роҳи оҳан!*

*Дар ин рӯзи ид, ба орзуҳои неки ҳамватанон ҳамроҳ шуда, аз номи тамоми халқамон ва аз номи шахсан худам барои меҳнати шуҷоатнокатон ба хотири Ӯзбекистони азиз самимона миннатдор ҳастам.*

*Бори дигар аз таҳти дил шуморо бо ҷашни касбӣ табрик менамоям, бароятон тансиҳатӣ, сулҳ ва фараҳмандӣ, барои хонаводаҳоятон фаровонӣ таманно дорам.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.***

## ХАБАРИ МУХТАСАР

### ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ БИСТУ НӮҲУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

***5 августи соли 2022 дар Тошканд дар толори ҷамъомадҳои Сенат ҷамъомади умумии бисту нӯҳуми Сенати Олий Маҷлис кори худро идома дод.***

Дар он аъзои Сенат, ҳукумат, намояндагони вазорату идораҳо, аъзои Парлумони ҷавонони назди Сенат ва кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Ба кори ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли алоқаи видеоконфронс гузашт, Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева роҳбарӣ кард.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ХАБАРИ МУХТАСАР

## ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ БИСТУ НӮҲУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҷамъомади умумӣ дар тартиби онлайн ба воситаи канали Сенат дар You Tube намоиш дода шуд.

Аввал сенаторон ҳисоботи Девони Вазирон дар бораи иҷрои Барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 дар «Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол»-ро бино бар ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2022 шуниданд.

Таъкид гардид, ки дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ иҷрои 215 вазифаи дар Барнома пешбинишуда ба нақша гирифта шудааст. Аз онҳо 137 банд ва зербанд пурра иҷро шудаанд. Дар давраи ҳисобот 153 ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқӣ ва дигар қабул шуданд.

Ба туфайли чораҳои аз ҷониби ҳукумат сари вақт қабулшуда нишондиҳандаи маҳсулоти умумии дохилӣ нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 105,4 фоизро ташкил дод.

Дар доираи барномаи сармоягузорӣ 157,5 миллион доллар азхуд карда шуда, дар доираи барномаи маҳаллигардонӣ 28 намуди маҳсулот дар ҳаҷми 3 триллиону 940,2 миллиард сӯм истеҳсол гардид.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ сармояҳои хориҷӣ ба миқдори 4,5 миллиард доллар азхуд карда шуда, нишондиҳандаҳои пешгӯӣ ба 117 фоиз иҷро гардид.

Дар ҷумҳурӣ ба миқдори 6,9 миллиард доллар молу хидматрасонӣ содир карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 128 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамагӣ дар соҳаи хидматрасонӣ 756 ҳазор (нисбат ба нақшаи солона 49 фоиз) ҷойҳои корӣ таъсис дода шуданд.

Бахри иҷрои барномаи рушди саноати хӯроквории ба миқдори 21,7 триллион сӯм маҳсулот истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 112,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар 29 мавзеи «Ўзбекистони Нав» аз 619 манзилҳои истиқоматии бисёрошёна дар 397-тоашон, ки барои 21 312 квартира пешбинӣ шудааст, корҳои сохтмонӣ оғоз ёфтанд.

Ба мақсади баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ 76 бунгоҳи духтурии оилавӣ, 20 поликлиникаи оилавӣ ва 505 бунгоҳи тиббии маҳалла созмон дода шуданд, ки дар натиҷаи он 1,8 миллион нафар ба ёрии аввалияи тиббию санитарӣ дар ҷойи истиқоматии хуб дастрасӣ пайдо карданд.

Ба ғайр аз ин, аз 10 миллиону 304 ҳазор сокинони аз 40-сола болои кишварамон қариб 4 миллиону 387 ҳазор нафарашон аз муоинаи тиббӣ гузаронда шуданд.

Дар баробари ин, дар ҷамъомад сенаторон ба баъзе камбудиҳое, ки дар рафти татбиқи барнома роҳ дода шудаанд, таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Сипас масъалаи ирсол намудани дархости парлумонӣ ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи ҳолати иҷрои вазифаҳои муайян оиди таъмини устувории экологӣ ва васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои замонавии инноватсионӣ дар минтақаи Наздиарал баррасӣ гардид.

Қарори дахлдори Сенат дар бораи ҳолати татбиқи вазифаҳое, ки дар қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 29 июли соли 2021 № ҚП-5202 ва Қарори Сенати Олий Маҷлис аз 27 августи соли 2021 № ҚС-370-IV муайян шудаанд, қабул гардид, ки барои иҷрои онҳо назорати таъсирбахши парлумонӣ амалӣ гардонда мешавад.

Кор оид ба бунёд намудани ҷангалзор дар қаъри хушкшудаи баҳри Арал, ки дар ҷаҳон ҳамто надорад, бо суръати баланд пеш бурда мешавад. Ба фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагии аҳолӣ, таъмини некуҳолии он, зиёд гардондани даромад, ҳифзи сиҳатӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Депутатҳои Ҷӯқорғи Кенгес барои иҷрои чорабиниҳои пешбинишуда масъул мебошанд. Ба туфайли ба роҳ мондани таҷрибаи барҳам додани мушкилоти пайдошуда, ирсол намудани дархостҳои сенаторӣ ва депутатӣ ба шахсоне, ки ба кашол додани иҷрои супоришот роҳ додаанд, аз 71 чорабинӣ иҷрои 20-тои онҳо, ки дар замимаи № 1 ба «Харитаи роҳ» муайян шуда, бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 29 июли соли 2021 № ҚП-5202 тасдиқ шудааст, таъмин гардид.

Баробари ин маълум шуд, ки 9 чорабинии дар «Харитаи роҳ» муайяншуда дар муҳлаташ иҷро нашуда, иҷрои 5 чорабинӣ кашол меёбад.

Инчунин, аз 65 лоиҳаи дар «Харитаи роҳ» зикргардида 15-тоаш тасдиқ шудааст. Аммо як лоиҳа сари вақт иҷро нагардид, дар бораи дароз кардани муҳлати иҷрои шаш лоиҳа таклиф ба миён гузошта шуд.

Қарори Сенат дар бораи ирсол намудани дархости парлумонӣ ба Девони Вазирон бо талаб намудани тавзеҳоти асоснок оиди омилҳое, ки ба таъмини самарабахши иҷрои вазифаҳои дар асоси қарор муайяншуда монеъ мешаванд, инчунин чораҳое, ки бинобар татбиқи саривақтии чорабиниҳо андешида мешаванд, қабул гардид.

Сипас иҷрои дархости парлумонӣ, ки ба Девони Вазирон нисбати ҳолати ҳифзи ҳуқуқи меҳнатии бонувон дар корхонаҳои саноати сабук ва чарм ирсол карда шудааст, баррасӣ гардид. Таъкид шуд, ки ба мақсади барҳам додани масъалаҳои мушкилидошта, ки дар дархости парлумонӣ нишон дода шудаанд, корҳои муайян анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, аз ҷониби вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ, ассотсиатсияҳои «Ўзтӯқимачиликсаноат» ва «Ўзчармсаноат» оид ба барҳам додани масъалаҳои мушкилидошта чораҳо таҳия гардиданд.

Ҳукумат оид ба фароҳам овардани шароити солим ва бехавфи меҳнат барои занон, ташкили корҳои васеи тавзеҳотӣ байни кордиҳандагон дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи меҳнат, омӯзиш ва такмили ихтисоси онҳо чораҳои дахлдор меандешад.

Ба мақсади ҳифзи меҳнат ва қонунгузории меҳнатӣ, баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кордиҳандагон ва кормандон беш аз 800 семинар ва «мизҳои мудаввар» гузаронда шуданд.

Оид ба баланд бардоштани масъулияти кордиҳандагон тавсияҳо таҳия гардиданд. Дар баробари ин таҳлили Кумитаи Сенат оид ба масъалаҳои занон ва баробарии гендерӣ ва омӯзиши иловагӣ, ки аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар таркиби сенаторон, депутатҳои шӯроҳои маҳаллӣ ва мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор гузаронда шуданд, нишон доданд, ки иҷрои масъалаҳои дар дархости парлумонӣ гузошташуда пурра таъмин карда нашудааст. Баъзе масъалаҳо кушод мондаанд, як қатор камбудиҳо ва мушкилот дар соҳа то ҳол ҳалли худро наёфтаанд.

Ба таври мунтазам шунидани ҳисоботи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи корҳо оид ба ҳифзи меҳнат дар корхонаҳои соҳаи мазкур ба роҳ монда нашудааст.

Маълум шуд, ки музди меҳнати миёнаи 48 фоизи занон, ки дар корхонаҳои бофандагӣ кор мекунанд ва 67 фоизи занон, ки дар корхонаҳои саноати чарм фаъолият доранд, нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт 3-4 баробар кам аст.

Паст будани музди меҳнат дар корхонаҳои соҳавӣ боиси аз кор рафтани кадрҳо мегардад. Дар баъзе корхонаҳо ба муҳофизати меҳнат, фароҳам овардани шароити мусоиди меҳнат барои коргарон эътибори зарурӣ дода намешавад.

Дар баробари ин дар аксар корхонаҳои соҳа низоми ҳавасмандгардонии иловагии коргарони ихтисоснок ба роҳ монда нашудааст.

Кор оид ба гузарондани аттестатсияи ҷойҳои корӣ бинобар шароити меҳнат, вазнинӣ ва шиддатнокии раванди кор, хавфи осебдиҳии таҷҳизот ба дараҷаи бояду шояд намебошад. Дар натиҷа шумораи ҳолатҳои нохуш, бардоштани ҷароҳат дар ҷойҳои корӣ зиёд мешаванд.

Супоришот оид ба аз нав дида баромадани нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои тоифаи хавф бинобар корхонаҳои саноати сабук ва чарм, созмон додани низоми онлайнии мониторинги доимии кор бинобар ҳифзи меҳнати занон иҷро нашуданд. Дар ин бобат то ҳол ягон хел низом ба роҳ монда нашудааст.

Барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда оид ба суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандии кордиҳанда чораҳои таъсирбахш дида нашудаанд.

Сенаторон дар рафти баррасӣ онро зери тозиёнаи танқид гирифтанд, ки масъалаҳои дархости парлумонӣ ҳамаҷониба омӯхта нашуда, оид ба ҳаллу фасли мушкилоти дар он муайяншуда, аз он ҷумла, бинобар фароҳам овардани шароити мусоид ва бехавфи меҳнат барои занон, ба онҳо додани музди меҳнати муносиб, баланд бардоштани масъулияти кордиҳандагон чораҳои таъсирбахш андешида нашудаанд.

Аз рӯи масъалаи мазкур қарори дахлдори Сенат қабул гардид.

Сипас, дар ҷамъомади Сенат ахбори вазири корҳои дохилӣ дар бораи ҳолати пешгирӣ ва профилактикаи қонуншиканиҳо дар нимсолаи якуми соли 2022 шунида шуд.

Таъкид гардид, ки ба туфайли чораҳое, ки мувофиқи қарори дахлдори Сенат аз 19 марти соли 2022 қабул шудаанд, ба роҳбарон ва кормандоне, ки дар рафти фаъолияти худ корро бинобар пешгирии ҷиноятҳо нодуруст ташкил кардаанд, чораҳои интизомӣ дида шуданд.

Қайд гардид, ки дар давраи ҳисобот инчунин 93,9 фоизи миқдори умумии ҷиноятҳои содиршуда низ кушода шуда, 2841 шахси дар ҷустуҷӯбуда боздошта ва 203 нафари бедарак гумшуда ёфт шуданд.

1079 ҷиноятe, ки дар соли 2021 ва 151 ҷиноятe, ки дар солҳои қаблӣ нокушода монда буданд, кушода шуданд.

Ба мақсади пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ дар маҳаллаҳо кори назаррас ба ҷо оварда шудааст.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар 53 фоизи маҳаллаҳо ҷиноят содир нашудаанд, ба 14 фоиз муяссар гардид, ки ҷиноят кориро кам кунанд.

33 фоизи маҳаллаҳо ба тоифаи «сурх» гурӯҳбандӣ карда шуда, хатсайрҳои муштараки посбонӣ ташкил карда шуданд.

Қайд гардид, ки дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар баробари натиҷаҳои ба даст овардашуда камбудиҳои муайян, мушкилоте, ки ҳалли худро интизоранд, имкониятҳои истифоданашуда мавҷуданд.

Аз ҷумла, ба он эътибор дода шуд, ки дар шаш моҳи соли ҷорӣ миқдори умумии ҷиноятҳои қайдшуда дар шаҳри Тошканд, вилоятҳои Фарғона, Тошканд ва Сирдарё баланд боқӣ мемонанд.

Дар бобати бартараф намудани ҷиноятҳои дар маҳаллаҳо содиршаванда нозирони профилактикӣ суст кор мебаранд. Аз ин рӯ, барои афзоиши баъзе навъҳои ҷиноят, ки пешгирӣ карданашон мумкин буд, шароит фароҳам оварда шудааст.

93 фоизи шахсоне, ки дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ ба қайд гирифта шудаанд, 96 фоизи нашъамандон ба табобати маҷмӯӣ фиристода нашудаанд, танҳо 41 фоизи шахсони гирифтори майзада, 52 фоизи беморони гирифтори бемории рӯҳии вазнин, ки дар ҳисоби диспансер мебошанд, ба табобати маҷбурӣ фиристода шудаанд.

Дар баъзе вилоятҳо шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ноболиғон содир карда мешаванд, меафзояд.

Кори пешгирӣ кардани ҳодисаҳои фалокати роҳҳои нақлиётии дар ҳудуди ҷумҳурӣ рухдода низ дар дараҷаи талаботи имрӯз ташкил карда нашудааст.

Аз рӯи масъалаи мазкур қарори дахлдори Сенат қабул гардид.

Сипас натиҷаҳои омӯзиши ҳолати иҷрои қонунҳо, таҷрибаи истифодаи ҳуқуқ ва мониторинги қабули ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ баррасӣ гардид.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки ба мақсади куллан беҳтар гардондани сифати фаъолияти эҷоди қонун, таъмини ҳуқуқии ислоҳоти аз ҷониби кумитаҳои Сенат татбиқшаванда мониторинги як қатор қонунҳо амалӣ гардонда шуд.

Аз ҷумла, таъсири бевоситаи баъзе қонунҳо таъмин карда нашудааст. Меъёрҳои истинодӣ асосан бо санадҳои зерқонунӣ танзим карда мешуданд.

Таҳлил инчунин нишон дод, ки меъёрҳои қонунҳои алоҳида дар амал номутобиқатӣ ба вуҷуд меоранд. Қонунҳоро бояд дар таҳрири нав мувофиқи талаботи имрӯз аз нав дида баромада, қабул кард.

Ҳамин тариқ, зикр мегардад, ки ба қонунҳо истилоҳҳои пойгоҳӣ ва мафҳумҳои асосӣ дохил карда нашудаанд, мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ ва ваколатҳои он муайян карда нашудаанд, ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ ба қонун мутобиқ гардонда нашуда, баъзе меъёрҳо якдигарро такрор мекунанд, меъёрҳо оид ба пешгирии омилҳои коррупсионӣ ба воситаи васеъ истифода бурдани низоми иттилоотӣ вуҷуд надоранд.

Дар баробари ин таъкид гардид, ки дар натиҷаи мониторинг, ки кумитаи Сенат якҷоя бо Донишкадаи мушкилоти қонунгузорӣ ва тадқиқотҳои парлумонии назди Олий Маҷлис ва идораву ташкилотҳои дигари манфиатдор гузаронд, як қатор пешниҳодҳо таҳия шуданд, ки ба такмил додани қонунгузорӣ, барҳам додани мушкилоти дар амалиёт ҷойдошта нигаронда шудаанд.

Қарори Сенат, ки ба Девони Вазирон фиристодани тавсияномаро оид ба коркарди қонунҳои мазкур дар таҳрири нав пешбинӣ менамояд, қабул гардид.

Дар рафти ҷамъомади умумӣ инчунин ҳисоботи ҳокими вилояти Бухоро дар бораи корҳо оиди ба сатҳи нав бардоштани соҳаи сайёҳӣ ва рушди соҳаи хидматрасонӣ дар вилоят баррасӣ гардид.

Таъкид гардид, ки дар вилоят оид ба рушди минбаъдаи сайёҳӣ, ҳифзи объектҳои мероси фарҳангӣ, баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ корҳои муайян анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, дар натиҷаи ба 90 адад расондани шумораи кишварҳое, ки ҳуқуқи бидуни раводид ба Ўзбекистон даромаданро доранд, дар соли 2021 қариб 49 ҳазор сайёҳони хориҷӣ, дар нимсолаи якуми соли 2022 – беш аз 65 ҳазор сайёҳони хориҷӣ ба вилояти Бухоро ташриф оварданд.

Пас аз пандемия тамоили афзоиши сайёҳии дохилӣ мушоҳида гардида, аз он ҷумла шумораи сайёҳони маҳаллӣ дар соли 2021 2 миллиону 216 ҳазор, дар семоҳаи аввали соли 2022 698 ҳазорро ташкил дод.

Аз соли 2021 дар вилоят 28 меҳмонхона, 29 хостел, 45 хонаҳои оилавии меҳмонӣ ташкил карда шуда, миқдори умумии воситаҳои ҷойгиркунӣ дар ҳаҷми беш аз 430 таъмин карда шуда, миқдори ҷойҳо дар онҳо қариб ба 11 ҳазор расид.

Дар ним соли охир содироти маҳсулоти аз ҷониби хидматҳои меҳмонхона, тарабхона, фарҳангиву фароғатӣ, савдо, хидматрасонӣ ба сайёҳон расондашуда 2 триллиону 330 миллиард сӯмро ташкил дод.

Бинобар семоҳаи якуми соли 2022 қариб 65 фоизи зиёда аз 31,5 ҳазор корхонаҳои дар вилоят фаъолиятдошта ба соҳаи хидматрасонӣ рост омад, ҳиссаи онҳо дар маҳсулоти умумии минтақавӣ 41,5 фоизро ташкил дод.

Дар баробари ин сенаторон зарурати таваҷҷуҳ додан ба камбудиҳои дар соҳа ҷойдошта ва сари вақт барҳам додани онро қайд карданд.

Аз ҷумла, зарурати кушодани хатсайрҳои нави ҳавоӣ бо дар ҳаҷми пурра истифода бурдани тартиби «осмони кушод», ки дар аэропорти байналмилалии Бухоро ҷорӣ карда шудааст, масалан ба роҳ мондани самтҳои байналмилалии парвозҳои бевосита ва чартерӣ ба Бухоро аз шаҳрҳои Дубай, Ҷакарта, Куала Лумпур, Лаҳор, Душанбе қайд гардид.

Гуфта шуд, ки дар асоси талаботи муқаррарнамудаи қонун дар аксари муассисаҳои истиқоматӣ шароити зиндагӣ ва хидматрасонӣ ба маъюбонро бояд фароҳам овард.

Ба ғайр аз ин, таъкид гардид, ки бо мақсади самаранок истифода бурдани иқтидори сайёҳии вилоят хатсайрҳои сайёҳӣ бинобар объектҳои мероси фарҳангӣ (аз 829 объекти мероси фарҳангӣ 139-тоаш ба хатсайри сайёҳӣ дохил карда шудаанд) зиёд карда шаванд.

Бинобар ҷамъбасти муҳокима дар ҷамъомади умумӣ қарори дахлдори Сенат дар бораи барҳам додани масъалаҳои мушкилидошта, ки ҳалли худро интизоранд, қабул гардид.

Инчунин масъала дар бораи тасдиқ намудани қарори Шӯрои Сенати Олий Маҷлис баррасӣ гардид.

Дар рафти ҷамъомади умумӣ дар давоми ду рӯз сенаторон 14 масъала, аз он ҷумла 6 қонунро баррасӣ карданд.

Бо ҳамин ҷамъомади умумии бисту нӯҳуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон анҷом ёфт.

**Хидмати иттилоотии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

## ХАБАРҲО

### НАҚШИ КАДРҲОИ ИҚТИДОРНОК ДАР АРТИШ

***Дар ҷараёни ислоҳоте,ки дар артиши миллии мо ба амал бароварда мешаванд, дар вақти худ баланд бардоштани малакаи кадрҳои ҷавони ҳарбӣ ҷои муҳимро ишғол менамояд.***

Маросими ба сафҳои амалкунандаи артиши миллӣ гуселонидани хатмкардагони Академияи Қувваҳои мусаллаҳи Ўзбекистон тантананок сурат гирифт. Таъкид ёфт қатъият, иродаи мустаҳкам, матонат, ҷасурию далерӣ барин хислатҳо дар ташаккули шахсияти муҳофизони Ватан ва ҳуқуқу тартибот бояд нақши асосӣ бозанд. Хушбахтона, ҷавононе, ки дар ин гуна мактабҳои матонат таҳсил менамоянд, бинобар офарида шудани шароити ҳарҷониба созгор чун кадрҳои сазовор ба хидмати Ватан омода мегарданд.

Айни замон шунавандагони навбатии факултаи амнияти ҳарбӣ ва мудофиаи Ватани академия дар давоми таҳсили дусола дар якчанд самт аз устодон ва мутахассисони соҳа таълими ҳарбиро мукаммал фаро гирифтанд.Ба наздик 100 нафар хатмкардагон дипломи магистрӣ ва нишони сарисинагӣ супурда шуд.

### СТАДИОН БАРОИ ТЕСТ ОМОДА

***Абитуриентҳое, ки ба муассисаҳои таълимӣ олӣ дохил шуданианд, аллакай соҳиби “Рухсатномаи довталабӣ” гардиданд. Тест дар саросари ҷумҳурӣ аз 8 август оғоз меёбад. Имтиҳонҳо дар ду баст дар стадиону боғҳо сурат гирифта, то 20 август идома меёбанд. Дар ин хусус Маркази давлатии тест хабар додааст.***

Аз ҷумла, барои ворид шудан ба МТО абитуриентҳо аз ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона имсол бори сеюм дар худи стадиони марказии ҳудуд тест хоҳанд супурд. Имтиҳонгоҳ ҳарҷониба омода гардонда шудааст.

### “СЕРГЕЛИ ҶАВОНОНРО ДӮСТ МЕДОРАД”

***Ноҳияи Сергелии пойтахт хусусан вақтҳои охир ободу зебо мегардад. Чанд сол муқаддам дар ноҳия ягон боғи истироҳатии қобили таъриф вуҷуд надошт.***

Альон кӯчабоғҳое ҳам, ки бо гулу буттаҳо оро ёфтаанд, эътибори аҳолиро ба худ кашида ва ба рӯҳияи равуокунандагон таъсири нек мебахшанд.

Ба наздикӣ дар Сергели маросими кушоиши хиёбони марказӣ рӯи кор омад. Дар доираи чорабинӣ таҳти шиори “Сергели ҷавононро дӯст медорад” барномаи консертӣ ташкил гашт.

Маскани истироҳатие, ки наздик 15 сол инҷониб бенигоҳубин монда ва ҳоли ногуворе дошт, баъди таъмир симои худро куллан дигаргун сохтааст. Вале корҳо дар ин самт ҳануз хотима наёфтаанд, — мегӯяд мутахассиси корҳои сохтмон дар ноҳия Ўктам Исмоилов, — ният дорем бунёдкорӣ ва хуррамсозиҳоро дар қаламрав вусъати тоза бахшем, ки умед аст корҳои дар ин самт иҷрошуда туҳфаи хубе ба ҷашни 31-солагии истиқлолият хоҳад гашт.

**М.ШОДИЕВ, мухбири ”Овози тоҷик”.**



*Дар ҶММ «Toshrabot textile»-и ноҳияи Қизилтепаи вилояти Навоӣ наздик ба 60 намуди маҳсулоти трикотаж истеҳсол гардида, ба Федератсияи Русия содир карда мешавад.*
*Корхона бо дастгоҳҳои замонавии бофандагӣ ва мошинҳои дӯзандагии Туркия ва Чин таҷҳизонида, барои чунин таҷҳизоти технологӣ ба миқдори 10 млрд. сӯм маблағ равона карда шудааст.*
*Корхона солона дорои қувваи истеҳсоли 6 млн. дона маҳсулоти тайёр мебошад, ки 6-6,5 млн. доллари ИМА арзиш дорад. Ҳоло дар ин ҷо 440 нафар коргар кор мекунанд. Кор бо усули конвейер бурда мешавад.*
*Дар корхона барои коргарон ҳамаи шароит фароҳам оварда шуда, автобус барои рафту омад ва хӯроки пешин ройгон ба роҳ монда шудааст.*
***Дар сурат:** дар ҶММ «Toshrabot textile»-и ноҳияи Қизилтепаи вилояти Навоӣ.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ. (ЎзА).***

## ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

### дар идоракунии ҳокимияти ноҳия ва як қатор садорату ташкилотҳои вилоят ба амал омад

***Дар ҳокимияти ноҳияи Зафаробoди вилояти Ҷиззах сессияи навбатии 49-уми Шӯрои намояндагони ноҳия баргузор гардид. Дар он баробари таҳлилу баррасии масъалаҳои муҳим кори ташкилиро низ диданд.***

Нахуст дар бораи иҷрои вазифаҳои асосӣ дар ҷодаи хидматрасонӣ, бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ ва ғайра дар тӯли шаш моҳи охир ҳисобот дода шуд. Таъкид гардид, ки дар ин соҳаҳо камбудиҳои ҷиддӣ ба чашм бармехӯранд.

Муовини ҳоким оид ба масъалаҳои хоҷагии қишлоқ ва оби вилоят Ойбек Ашурматов таъкид кард, ки амнияти маҳсулоти кишоварзӣ барои 51,3 ҳазор нафар аҳолии ноҳия таъмин нест. Соли ҷорӣ дар даҳ ҳазор гектар замин ғалла кошта шуда бошад ҳам, дар ин бора нақшаи солона 80,3 фоиз иҷро гардиду халос.

Ўткур Раҳмонов, ки то ин вақт ҳамчун масъули бахши кор бо ходимони ҳокимияти вилоят фаъолият мекарду таҷрибаи зиёди меҳнатӣ дорад, ба курсии ҳокими ноҳияи Зафаробод нишаст.

Дар сессия бо пешниҳоди ҳокими вилоят Эргаш Солиев Акмал Савурбоев ҷонишини ҳокими вилоят оид ба масъалаҳои сиёсати ҷавонон, маънавияту маърифат ва рушди иҷтимоӣ таъин гардид.

Бо тавсияи Вазорати адлия ва Маъмурияти Президент Акмал Эргашев ҳамчун роҳбари Садорати адлияи вилоят ба фаъолият шурӯъ хоҳад кард.

**Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

**Аз 22 июн то 1 август дар шаҳри Ганнаи Фаронса ҷашнвораи байналмилалии «Фарҳангҳои ҷаҳон - Gannat 2022» баргузор шуд. Барои иштирок дар ин чорабинӣ ҳайати Ўзбекистон ҳамчун меҳмони фахрӣ дар ҳайати Ансамбли давлатии рақси «Баҳор» ба номи Мукаррама Турғунбоева ва ҳунармандони Иттиҳодияи «Ҳунарманд» даъват шуда буданд.**



# МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ЎЗБЕКИСТОН – ДАР ФЕСТИВАЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ФАРОНСА

Чорабинии мазкур аз ҷониби шаҳрдории Ганна, Ассотсиатсияи миллии фарҳанги сулҳи «Culturesdu Monde» ва Сафорати Ўзбекистон ташкил карда шуд. Фестивали миқёси байналмилалӣ шарики расмии ЮНЕСКО буда, бори 48-ум баргузор мешавад. Дар ҷашнвора гурўҳҳои рақсу навозандагон аз Гана, Ҳиндустон, Фаронса, Уругвай ва дигар мамлакатҳо низ иштирок доштанд.

Намояндагони Ўзбекистон дар ҷашнвора низ осори ҳунармандонро пешкаши тамошобинон карданд. Дар баробари ин, дар бораи инкишофи санъати миниатюра, кандакории чўбу тахта ва гулдўзии миллӣ конфронс барпо гардид.

Дар доираи ҷашнвора бо ташаббуси сафорати кишвари мо дар Париж «Рўзҳои фарҳанги Ўзбекистон» ташкил карда шуд, ки ба васеъ тарғиб кардани мероси миллӣ ва анъанаҳои халқи ўзбек дар байни ҷомеаи Фаронса ва таҳкими муҳити дўстона байни ду кишвар нигаронда шудааст.

Меҳмонони чорабинӣ чунин шоҳасарҳои санъати халқии ўзбек, аз қабили сурудҳои классикии «Кашидадўз», «Лўхтак», «Мустазод», «Ёр-ёр» ва ғайраро шунида, инчунин рақси миллии хоразмии «Лазгӣ»-ро бо чашмони худ диданд.

Барои талабагони мактабҳои департаменти Алп-Овер-Рон семинарҳо ташкил гардид. Бачаҳо бо таърихи рақсу мусиқии миллии Ўзбекистон шинос шуданд. Онҳо пеш аз ҳар баромади ансамбли ўзбек дар суҳбатҳои интерактивӣ фаъолона иштирок карданд.

Шаҳрдории Ганна ва ноиби президенти департаменти «Allier» Вероник Пузаду ба муносибати 30-юмин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни Фаронса ва Ўзбекистон табрик гуфта, дар таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба комёбиҳо таманно намуданд.

Вай иштирокчиёни чорабиниро хайрамақдам гуфта, иштироки фаъолонаи ҳайати Ўзбекистонро дар ҷашнвораи байналмилалии фарҳангии сулҳ ва дўстӣ махсусан қайд намуда, ба аъзои он барои саҳмашон дар рушду таҳкими робитаҳои дўстии Ўзбекистону Фаронса изҳори сипос намуд.

«Ҷамоаи эҷодии Ўзбекистан бо барномаи пурмазмун баромад кард, ки анъанаҳои чандинасраи халқи шуморо инъикос менамояд. Шеъру сурудҳо ба забони ўзбекӣ ба тамошобинони Ганна таассуроти фаромўшнашаванда гузоштанд. Стенди миллие, ки аз ҷониби ҳунармандони ўзбек ташкил карда шудаст, маҳсули ҳунари мардумӣ ва санъати амалӣ: кандакориҳои чўб, миниатюра ва гулдўзиро ба таври васеъ пешкаши тамошобинон кардааст, таваҷҷуҳи баланди иштирокчиёнро низ ба бор овард», – таъкид дошт ў.

Меҳмонон ва иштирокчиёни ҷашнвораро инчунин дарсҳо ва сабақҳои маҳорати пухтани палави ўзбекӣ ҷалб карданд. Таъми лазизи таом ҳозиринро хушҳол ва мафтун кард.

**АИ «Дунё»,**
*ПАРИЖ*

# ИДИ ДЎСТӢ ДАР ҶИЗЗАХ

***Дар доираи «Ҳафтаи дўстӣ», ки ба муносибати 30-июл – Рўзи дўстии халқҳо оғоз ёфта, дар саросари мамлакатамон ботантана таҷлил карда мешавад, дар боғи экологии «Ўрда»-и шаҳри Ҷиззах чорабинии идона баргузор гардид.***

Дар он намояндагони ҳокимияти вилояту ноҳияҳо, фаъолони марказҳои миллӣ-фарҳангӣ ширкат варзиданд. Намоиши маҳсулоти ҳунармандӣ, расму овезаҳо, наворҳо, таронаву мусиқӣ, рақсу бозиҳое, ки дар он урфу одат ва арзишҳои фарҳангиву миллии миллатҳои маскуни кишвари офтобии мо акс ёфта буд, баргузор карда шуд.



Дар саҳна муовини ҳокими вилоят Аҳмадҷон Латифов оид ба аҳамияти дўстӣ дар омади гап чунин гуфт:

– Хушбахтона дар қаламрави вилоятамон, мисли саросари ин кишвари азиз, ҳаёти хурраму осуда ҳукмфармост. Бо ташаббус ва пешниҳоди сарвари давлат Ш. Мирзиёев ҳар сол ин рўзро ҳамчун Рўзи дўстӣ ботантана таҷлил менамоем. Иззату эҳтиром, меҳру оқибат, ҳифзи суннатҳо, аз ҳама муҳимаш, риштаҳои дўстӣ маҳз ба туфайли ҳамин гуна ҷашнвораҳо мустаҳкам мегарданд.

Дар ин ҷашнвора беш аз панҷ ҳазор нафар пиру барно ширкат ҷустанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Аз ҳаёти одамони наҷиб*

# ДАР СУҲБАТИ НАБЕРАИ ШАРИФҶОН-МАХДУМИ САДРИ ЗИЁ

***Номи олими бухороӣ, адабиётшиноси машҳур, академики АИ Тоҷикистон Муҳаммадҷон Шукуров (Шакурӣ) (1925-2012) барои аксарият хуб шинос аст. Вай фарзанди инсони фозил, ҳомии аҳли илму адаби Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX Шарифҷонмахдуми Садри Зиё буда, баҳри рушди адабиёт, забоншиносӣ ва нақди адабии тоҷик хидматҳои арзанда кардааст. Моҳи ноябри соли гузашта сафири Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ба Бухоро ташриф оварда буд. Ҳангоми мулоқот бо сафир дар «Хонаи дўстӣ»-и шаҳри Бухоро писари олими номбурда Рустам Шукуровро бори аввал он ҷо дида будам. Мутаассифона, он гоҳ бо вай имконияти вохўрӣ нашуд. Ба қарибӣ шунидам, ки Рустам Шукуров боз ба зодгоҳи падараш ташриф овардааст. Баъди суҳбати телефонӣ рўзи дигар бо вай мулоқот таъйин кардам.***



Бояд таъкид кард, ки академик Муҳаммадҷон Шакурӣ се писар дорад. Писари калонӣ — Шариф Шукуров (соли таваллудаш 1948) мутахассиси соҳаи таърих ва назарияи санъати Эрон, корманди Институти ховаршиносии АИ Русия, профессор аст. Додари вай Анвар (соли таваллудаш 1952) астрофизик, профессори Мактаби математика, омор ва физикаи Донишгоҳи Нюкасл мебошад.

Рустам фарзанди хурдии хонадон буда, вай 12 октябри соли 1961 дар шаҳри Душанбе таваллуд ёфтааст. Азбаски модари онҳо Клавдия Луканина (омўзгори математикаи мактаби миёна) рус буд (1922-2011), дар оилаи онҳо бо ду забон – русӣ ва тоҷикӣ ҳарф мезаданд. Рустам то 16-солагӣ дар Тоҷикистон ба воя расид. Баъд ба Маскав рафт. Пас аз хатми мактаби миёна ба факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов дохил шуд ва таҳсили онро дар соли 1984 ба поён расонд. Вақте ки вай донишҷўйи курси дуюм буд, робитаҳои динии мусалмонону насрониёни Византия диққаташро сўйи худ мекашид. Бо маслиҳати роҳбари илмиаш Сергей Карпов дар аспирантура хонд ва соли 1990 рисолаи номзадиашро дар мавзўи «Империяи Трапезунд ва Шарқ (солҳои 1204-1461)» дифоъ намуд. Фаъолияти кории Р. Шукуров аз соли 1991 дар кафедраи таърихи асрҳои миёнаи ДДМ ба номи Ломоносов ва лабораторияи тадқиқи мамлакатҳои ҳавзаи баҳри Сиёҳ ва Византия ба фаъолияти корӣ оғоз намуд. Ҳамин тариқ масъалаҳои таърих ва маданияти Византия, алоқаи он бо олами турку Эрон ба объекти пажўҳиши олими ҷавон табдил ёфт. Вай соли 2012 рисолаи доктoриашро таҳти унвони «Туркҳо дар олами Византияи асрҳои XIII-XV» ҳимоя кард. Рустам муаллифи бисёр асарҳои илмист. «Тасаввуф дар адабиёти асрҳои миёнаи Эрон», «Дар бораи таърихи ислом», «Таърих ва маданияти Осиёи Миёна дар асрҳои XIX-XX» аз ҷумлаи онҳост. Ў бо ҳамкории бародараш Шариф дар бораи халқҳои Осиёи Миёна таҳти унвони «Peuples d' Asie Centrale» («Осиёи Марказӣ – озмоишгоҳи таърихи рўҳ») китобе таълиф кардааст.

Р. Шукуров бо бисёр марказҳои илмии олам ҳамкорӣ дорад. Академияи илмҳои Британия, Хонаи илми Париж оиди инсон, Донишгоҳи Анқара, Думбартон Окс, Академияи илмҳои Австрия аз ҷумлаи онҳост. Вай инчунин дар бисёр донишгоҳҳои ҷаҳон оиди Византия ва ислом лексияҳо хондааст. Вақте ки эроншиноси намоён Ричард Фолтс чанде пеш ба Бухоро омада буд, ҳангоми мулоқот бо муаллифи ин сатрҳо корҳои илмии Рустам Шукуровро чунин арзёбӣ намуд: «Вай аввалин олими тоҷик аст, ки дар бораи тоҷикон ва Тоҷикистон бевосита ба забони англисӣ китоб навиштааст. Камина аз ин асар хеле баҳра бардоштаам». Ў болои матнҳои бостонӣ ва асримиёнагии юнонӣ, форсӣ, арабӣ, туркӣ, лотинӣ, славянӣ, ҷанубӣ, картвелӣ, инчунин матнҳои анъанавии византиягию осиёӣ кор мебарад. Вай муаллифи бисёр китобҳои дарсӣ барои синфҳои 6-7-уми мактабҳои Русия, роҳбари семинар оид ба Византия дар Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов буда, дар Донишкадаи Осиё ва Африқои донишгоҳ низ курсҳои умумӣ мехонад. Дар соли 2016 барои саҳми муносибаш дар рушди илми таърихи Ватан (Русия) лауреати Мукофоти ба номи М. В. Ломоносов гардидааст.

***

Маълум гардид, ки Рустам ду рўз пеш бо мақсади зиёрат ва таъмиру таҷдиди қабрҳои бобою бибиаш ба Бухоро омада будааст. Тавре ки таъкид намудем, бобояш қозӣ Шарифҷон-махдум Муҳаммадшарифи Садри Зиё – фарзанди домулло Абдушакури Оят фарзанди Абдурасул (24.11. 1865 – IV.1932) қозиюлқузоти балдаи Бухоро (1917) буд. Ҳамсари вай (модаркалони Рустам) Мусаббиҳа духтари қозӣ Ибодуллоҳ – махдуми Ибрат фарзанди домулло Абулфазли Садри Аъломи Сирати Балхӣ мебошад. Аён аст, ки ҳокимияти шўравӣ бо амалдорони Аморати Бухоро созиш намекард. Аз ин рў, ҳатто баъди фавт ҷасади онҳоро ба мазор роҳ надода, дар масҷиди Туркиҷандӣ гўрондаанд. Дертар маитонро пинҳонӣ ба мазори «Хоҷа Исмати Бухороӣ» оварда дафн кардаанд.

Азбаски то вохўрӣ бо Рустам дар Регистони Бухоро вақти зиёд буд, фурсатро ғанимат дониста, бо мақсади зиёрати қабрҳои Шарифҷон-махдум ва ҳамсари вай сўйи мазори «Хоҷа Исмат» рафтам. Бинобар гуфтаи корманди мазор Қандиёр Усмонов аз сабаби гузаштани вақти зиёд қабрҳои аслӣ нопадид гаштаанд. Аз ин рў, ба навиштаҷоти таърихӣ – аз қабри Хоҷа Исмати Бухороӣ 30 метр поёнтар дафн шудани Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва ҳамсари ў такя карда, қабрҳои рамзии эшонро муайян кардаанд. Дар ин ҷараён ба Рустам Шукуров дўсти бухороии вай, коргардони кино Алӣ Чориев кўмак расондааст. Ниҳоят дар майдони Арк – Регистони Бухоро суҳбати мо бо набераи хурдии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё — Рустам Шукуров қўр гирифт. Баъзе ҳамкасбони мо гумон доштанд, ки Рустам ба забони тоҷикӣ чандон балад нест. Маълум гардид, ки ин гуфтаҳо асосе надоштаанд. Рустам на фақат ба забони тоҷикӣ озодона ҳарф мезанад, балки ў нозукиҳои ин забонро олимона таҳлил мекунад. Вай инсони самимӣ, фурўтан, хоксор ва камсухан аст. Ботамкин ҳарф мезанад ва маданияти воло дорад. Аз чӣ сабаб бошад ба муаллифи ин сатрҳо «устоҷон» гўён муроҷиат намуда, сипас изҳори ақида менамуд.

– Шумо ба Бухоро тез-тез меоед? – пурсидам аз вай.

– Не, давраи наврасӣ, шояд дар 14-солагӣ бо падар омада будам, ҳоло бори сеюм аст, ки ин ҷо қадам мегузорам, – ҷавоб дод ў.

– Оила дар куҷо?

– Дар Маскав, ҳамсарам Ирина (Ари) Вареш – маҷор, як писар дорам. Ба вай Оят (исми бобокалон) ном ниҳодаам. Ў меъмор аст.

– Фикри Шумо дар бораи Бухоро чӣ гуна аст?

– Яке аз тамаддунҳои олам – Бухоро барои камина ватани аҷдодист. Охир бобою бобокалони мо ин ҷо қозикалон, яъне ҳамчун вазири адлия обрўю эътибор доштаанд. Ҳифзи адолат, ҷонибдории илму тараққиёт, покию одамгарӣ арзиши умумиинсонист. Ба шарофати ду роҳбари нексиришт – сарварони ду мамлакат ҳоло мардумони якдилу ҳаммаслак ба дидори ҳамдигар расиданд. Ободии дилҳо ободии диёр аст. Ҳарчанд ҷараёнҳои таҷдиду сайқалёбии баъзе гузарҳои таърихии шаҳри куҳан, аз қабили Гавкушон, аз назарҳо дур мондаанд, Бухорои Шариф ҳамчун як пораи ободи кишвари обод ба дилу дидаҳо зебою пурҷозиба ҷилва мекунад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ШАСТИ КАМОЛИ ЭШҚОБИЛ ШУКУР

Ибтидои солҳои ҳаштодум. Даврае, ки нумўи ба худ хоси боғи адабиёти муосир, хусусан, рангу бўйи тозаи шеърияти ўзбек эҳсос мегашт, матбуоти даврӣ аз хусуси дар пайроҳаи назм ҷиддӣ қадамзании боз як истеъдоди ҷавон, ки садои худро дорад, маводе ба чоп дода буд.

Эшқобил Шукур аз ноҳияи Қумқўрғони вилояти Сурхондарё. Воқеан вай аз зумраи қаламкашони ояндадоре буд, ки пайи қаламашон сабз аст. Солҳо гузаштанд. Эшқобил дар риштаи назм самаранок эҷод кард, дар адабиёт мавқеъ пайдо намуд ва ба сарсабзиҳои эҷодӣ расид. Инак, вай дар адабиёти муосир яке аз суханварони баркамол, ки ба наздикӣ 60-солагиаш таҷлил гардид.

Эшқобил Шукур таҳсилкардаи факултаи филологии Донишгоҳи давлатии Тошканд мебошад. Ҳанўз дар даврони мактабхонӣ шеър машқ мекард. Дар матбуоти даврӣ бошад, падидаҳои қаламиаш асосан солҳое, ки донишҷў буд, рўйи чоп дида ва эътибори дўстдорони назмро ба худ кашидаанд. Баъди хатми донишгоҳ ба зодгоҳ баргашт. Дар мактаби деҳа як муддат аз забон ва адабиёти ўзбек ба шогирдон дарс дод. Вале муҳити адабии пойтахт чун оҳанрабо ба худ мекашид. Мегўянд, шоирон дар деҳ ба дунё омада, дар шаҳр кору эҷод мекунанд. Ба Эшқобил Шукур низ ин ҳолат рўй дод. Кўлбори орзу ва ниятҳои пок рўйи китф, роҳи Тошкандро пеш гирифт. Бо кўмаки адиби номвар Асқад Мухтор, ки ҳамеша эҷодкорони ҷавонро ҳимоя ва дастгирӣ менамуд, дар телевизиони Ўзбекистон ба фаъолият шурўъ намуд. Як қатор барномаҳои адабии муаллифиаш эътибори тамошобинҳои зиёдро ба худ кашид.

Ҳанўз дар ибтидои солҳои ҳаштодум бо «Сабтҳо ба харсангҳои қадима», «Ҳолпурсии Менгимомо» барин падидаҳои қаламиаш ба назарҳо афтод. Пасон дафтарҳои шеъриаш «Омўзондани қалб», «Мўйҳои сумбул», «Гулҳои шабҳангом», «Мурғони сабз» ба дасти ҳаводорони каломи бадеъ расиданд. Барои маҷмўааш «Гулҳои шабҳангом» ба Мукофоти созмони ҷавонони ҷумҳурӣ ба номи Усмон Носир сазовор гардид. Баробари назм дар наср низ табъ озмуд ва дар натиҷа асарҳояш «Оқибати шомҳангом», «Ривоятҳои боғи куҳан» ва «Падаркуш» рўйи чопро диданд.

Ў ба унвони Ходими хидматнишондодаи маданияти Ўзбекистон, мукофоти «Эътироф» сазовор гардид. Соли 2016 дар озмуни мукофоти миллии «Олтин қалам» пирўзӣ ба даст овард.

На ҳамаи аҳли сухан баробари шоирӣ мутафаккиранд, вале ҳастанд суханвароне, ки фикрашон солим буда, фармудаҳояшон касро ба андеша водор месозад. Э.Шукурро метавон аз қабили ин гуна суханварон шумурд. Суханшиносӣ ва нуктадонии хосаш дар гузоришҳои ў, ки дар ҳифзи тозагии забони модарӣ гуфта шудаанд, бараъло эҳсос мегардад. Вай мегўяд, барои ҳис кардани гузаштаи пуршаъни миллат забони онро бояд идрок намуд. Барои фаҳмиши қалби халқ забонашро бояд амиқ азхуд кард.

Ҳар гуна одам Ватани худро тавассути забони модарӣ мешиносад, ҳам худашро, ҳам дунёро бо ҳамин воситаи бузург фаро мегирад. Кўдакеро тасаввур созед, ки нахустин сухан аз модар омўхтааст. Вай бо ҳамин сухан ҷониби забони модарӣ аввалин қадами худро мегузорад. Забони модарӣ бошад, аз дасти ў дошта, оҳиста ҷониби олами васеъ мебарад. Пас, эҳсоси забони модарӣ мисли эҳсоси Ватан дар рўҳи одамӣ офарида мешавад, ақида дорад Эшқобил, ҷаҳонбинӣ, эҳсосот, тафаккур, муносибат ба оламу одам дар ҳар шахс, бешубҳа ба ҳолати забони модарӣ вобаста аст. Бале, ҳақ ба ҷониби ин шоири тавоно, ки мегўяд: «Халқе, ки забонаш эътироф шудааст, эътирофшуда ҳисоб меёбад».

Эшқобил, баробари ин, ҷонибдори ошноии дилу рўҳ ба адабиёт ва шеърият мебошад. Маслиҳат медиҳад, агар аз дастатон ояд, аз ҳар чиз поэзия ҷўед. Ҳаёт бо ҳамин шавқовар. Зиндагиро як неъмат ҳисобем, шеърият намаки он аст. Кўдакҳоро нигаред, ҳамаи онҳо бо поэзия зиндагӣ доранд. Ба ҳайрат меафтанд. Агар ҳаёт поэзия надошт, кўдаки гаҳвора зиқ шуда мемонд. Қалби одамиро ҳайрат ва муҳаббат ба камол ва бузургӣ мерасонад. Барои ҳамин ҳам дар замири ҳар гуна наср поэзия мехобад. Бо ифодаи дигар, насри бе назм як чизи берўҳ…

Ў китобе дорад бо унвони «Аз пайи бобосухан». Вай ба шарҳи калимаю ибороте саъй намуда, ки таърихи бештар аз ҳазорсола дошта, дар қаъри дарёи забон ҳанўз чун гавҳарпора медурахшанд.

Қисме аз беҳтарин шеърҳои Э.Шукур ба як қатор забонҳо, аз ҷумла, тоҷикӣ тарҷумаю нашр шудаанд. Ба тоҷикӣ ва тоҷикон муҳаббат дорад. Нағз дар хотирам, вай яке аз дубайтиҳои халқии тоҷикиро аз тариқи телевизиони Ўзбекистон (охири солҳои ҳаштодум) чӣ тавр ифоданок хонда буд:

*Сари кўҳи баланд ҷуфти ситора,*
*Ҷавони навхати бистудусола.*
*Ҷавонон, қадри якдигар бидонед,*
*Дигар кай мерасад умри дубора.*

Чанд сол пеш гурўҳи тарғиботӣ, ки дар сафи он ман низ ҳузур доштам, ба вилояти Сурхондарё сафар намуд. Гули сари сабади даврахо – Эшқобил Шукур. Медидем, ки халқ ба шоири худ чӣ гуна муҳаббат дорад.

**М. ШОДИЕВ.**

*Варзиш*

# НАВБАТ БА МАРҲИЛАИ ҶУМҲУРӢ

***Ба қарибӣ дар варзишгоҳи «Навбаҳор»-и ноҳияи Чусти вилояти Намангон мусобиқаи финалӣ аз рўйи минифутбол ба ҷоми Хидмати бехатарии давлатии ҷумҳурӣ баргузор гардид.***

Дар он футболбозони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Тошқўрғони ноҳияи Чуст ва ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қўйи Ровустони ноҳияи Давлатобод барои ба даст овардани ғолибият ба майдон баромаданд.

Футболбозони навраси ҳарду маҳалла, ки ба мусобиқаи финалӣ ҳамаҷониба тайёрӣ дида буданд, бо чусту чолокиашон маҳорат нишон доданд. Ҳар як бозингар барои ғалаба ҷидду ҷаҳд мекард. Мусобиқа бо ҳисоби 3:3 ба анҷом расид. Ғолиб дар баҳсҳои 11 метрӣ муайян шуд. Дар ин ҷода ҷамоаи маҳаллаи Тошқўрғони ноҳияи Чуст болодастӣ нишон дода, ба ҳисоби 4:3 ғалабаро ба даст оварданд.

– Дар ин ғалаба саҳми дарвозабон Бобоҷон Валиев, ҳимоягар ва сардори ҷамоа Азиз Мирзоев, ҳуҷумгар Дилшод Раҷабовҳо калон аст, – гуфт роҳбаладӣ ҷавонони маҳаллаи Тошқўрғон Эркинҷон Мамаҷонов.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# БАРОИ ВОМҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ЗАНОН ГАРАВ ВА КАФОЛАТ ТАЛАБ КАРДА НАМЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Қобили зикр аст, ки фоизи қарзҳои таълимӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби Фонди маблағгузории қарзи таълимии назди Вазорати молия пардохта мешавад. Инчунин ба аъзои оилаи дорои манбаи даромади доимӣ ва дигар ашхоси сеюм иҷозат дода мешавад, ки дар расмигардонӣ ва баргардонидани қарзи таълимӣ ҳамчун қарзгиранда иштирок намоянд.

Тибқи ин қарори сарвари давлатамон барои қарзҳои таълимӣ ба занони оилаҳое, ки ба «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» дохил карда шудаанд, гарав ва кафолат талаб карда намешавад. Дар асоси дархости бонкҳои тиҷоратӣ маблағҳои амонатӣ бинобар ставкаи 10 фоиз барои минбаъд ҷудо кардани қарзҳои таълимӣ ба андозаи 14 фоиз аз ҳисоби маблағҳои фонд ҷойгир карда мешаванд.

Бо мақсади таъмин карда ни аз ҷониби Фонд ҷудо намудани маблағҳои барои қарзҳои таълимӣ зарурӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин назорати он ба Фонд ҳамагӣ 2 воҳиди штатӣ аз ҳисоби оптимизатсияи як воҳиди штати Вазорати таълими томактабӣ ва як воҳиди штатӣ дар доираи воҳиди штатии Вазорати молия ҷудо карда мешавад.

Бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки дар ягон давлат ба занон чун дар Ўзбекистони Нав эътибор дода, онҳо гиромӣ дошта ва ба сифати такягоҳи мамлакат эътироф карда нашудаанд. Пайваста татбиқ карда шудани сиёсати давлатӣ нисбати занон миқёси ислоҳотро дар ин самт боз ҳам васеъ мегардонад. Ба шарофати ин таваҷҷуҳ имрўз нақш ва нуфузи занон дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳо баланд мегардад.

Умуман, имрўз занони мо на танҳо иштирокчиёни фаъоли раванди сиёсӣ мебошанд, балки ба қувваи бузурги ҷамъияти мо табдил меёбанд. Бешубҳа, ин қарор ва иҷрои бечунучарои вазифаҳои дар он муайяншуда нақши намояндагони ҷинси латифро дар ҷамъият боз ҳам баланд бардошта, имкон медиҳад, ки онҳо дар ҳар соҳа якҷоя бо мардон пурсамар кор кунанд.

**Одинахан ОТАХОНОВА,**
**депутати Палатаи**
**қонунгузории**
**Олий Маҷлис**

# ТАҚДИРИ РИСОЛАТ РАҲИМОВА,

## ё худ зане, ки дар зиндагӣ нақши мардро бозидааст



Дер боз ният доштам, ки оид ба фаъолияти бонуи қавиирода апаи Рисолат, ки дар маҳаллаи Майдони деҳаи Варзик зиндагӣ мекунад, суҳбат карда маводе омода намоям.

Фурсат расиду мо ба ниятамон расидем. Моро Раҳимоваю писараш Баҳодур самимона истиқбол гирифтанд.

Рисолат Раҳимова ҳанӯз дар давраи толибагӣ духтари ҷисмонан ва маънан фаъол буд. Фанҳоро пешу беш аз худ мекард, дар корҳои иҷтимоӣ низ чусту чолок буд, дар байни ҷамоаи мактаб ангуштнамо буд. Рӯзе аз Хуҷанд 2 нафар муаллима омаданд. Онҳо хоҳишмандонро барои таҳсил ба институти омӯзгорӣ бурданӣ шуданд. Дар байни доништалабон Рисолат Раҳимоваи аълохон ҳам буд. Ба таҳсилравии ӯро модаркалонаш Анорбибӣ Рӯзиматова шунида, пурсид:

– Ту чӣ кор карданӣ?

– Ба хондан меравам.

– Ба куҷо?

– Ба Хуҷанд.

– Ҷойи дур будааст, намеравӣ.

Кӯшишҳои Рисолат зоеъ рафтанд: модаркалон дар аҳдаш сахт истод.

Духтараки ғайратманд, ки бекор нишаста наметавонист, номаи камоли пур аз баҳои аълояшро бо ҷаҳл ба гӯшае ҳаво доду ба саҳро баромад. Аз овони мактабхонӣ ба корҳои саҳро одат карда буд, касби пахтакориро ба худ пеша карда, бо ғайрату шуҷоат ба меҳнат даромад. Ҳар сол дар бобати хишоваи пахта ва то охирин наххо ғун кардани ҳосил пешқадаму зарбдор буд. Аз дилу дидаи ҳамкасбону ҷамоа ҷой гирифт.

Дар ин давр ба шавҳар расид. Як хешашон оилаи навро барои ободкунии заминҳои бекорхобида ба вилояти Сирдарё даъват намуд.

Дар ин ҷо ҳам Рисолат тамоми қувваашро ба кор андохта, пахтакори номдор шуд. Фарзандон таваллуд ёфтанд.

Чӣ бояд кард? Шодию ғами ҳаёт боҳаманд. Ба болои шодиҳои хонадон ғам низ пеш омад. Шавҳари Раҳимова – Маҳмудҷон Рӯзиматов, ки муовини сарҳисобчии хоҷагӣ буд, ба садамаи нақлиётӣ дучор шуда, аз дасти чапаш ҷудо шуд. Масъулони идора ӯро хаткашон таъин карданд. Гарчи чунин аҳвол буд, оила шукр мекард, ки саробонаш зиндаю саломат аст. Раҳимова низ аз он азоби рӯҳӣ ба худ омаду боз ба зиндагӣ часпид. Пас аз 9 соли мусофирию дурӣ оилаи онҳо аз нав ба зодгоҳаш бозгашт.

Раиси хоҷагии варзикиён Ғаниҷон Ҳоҷиматов гуфт:

– Ту зарбдорӣ, ту фаъолӣ, – ба Раҳимова манзили 2-хонагии аз ҷониби давлат сохташударо дод.

Раҳимова бо арзи сипос манзилро бо қитъаи заминаш қабул кард. Манзили нав ба хонавода бахт овард.

Одатан ва ҷавобан ба ғамхориҳо барвақт ба саҳро мебаромад. Чинакчиён дар пахтазор дар миёни 2 қатор, вай бошад, бо равуо дар байни 4 қатор пахта мечинд. Ҳар дақиқаро ғанимат медонист. Пахтаи якчигита ва ба замин рехтаро низ зуд ба пешдоман меандохт ва рӯзе то 220 кг пахта ҷамъ меовард.

Ҳар сол дар аввали моҳи ноябр натиҷаи меҳнати пахтакорон ҷамъбаст мегардид. Хирмани пахтаи Раҳимоваи пешсаф дар 2 моҳ ба 9,3 тонна расид.

Ҳамон вақт раиси хоҷагӣ ӯро бо зафари меҳнатиаш табрик гуфта, ба ӯ як либосворӣ атлас, чорсад сӯм пул ва орденеро супорид. Он айём чорсад сӯм пули калон – нархи як модагови дӯшоӣ буд.

Ҳанӯз синни Раҳимова ба 40 нарасида, шавҳараш Маҳмудҷон Рӯзиматов вафот кард. Ин зарбаи сахти тақдир бар дӯши Раҳимова буд. Масъулияту таъминоти ҷигарбандонаш пурра ба зиммаи кадбону афтод. Ба ҳамааш сабру тоқат кард. Бо музди меҳнати ҳалол ва даромади модагову гӯсолаҳои парваришкардааш 4 фарзандро ба воя расонд. Онҳоро ба соҳибони хонадонҳои хушбахт табдил дод.

Фарзанди калонӣ Бахриҷон дар фабрикаи дӯзандагии шаҳри Чуст фаъолият бурда, ба нафақа баромад. Дуюмаш, Шаҳриҷон, духтури бачагон, дар нафақа буд, вале бо дархости роҳбарон чун шифокори баландихтисос дар яке аз шифохонаҳои шаҳри Чуст меҳнат карда истодааст. Сеюмӣ, Лутфиҷон, соҳиби маълумоти олӣ, раиси кумитаи занону духтарони маҳаллаи Пилол аст. Писари ягонааш Баҳодур дар шуъбаи роҳсозии ноҳия машғули касбу кор аст.

Апаи Рисолат, ки омӯзгор шудан мехост, бахту иқболашро аз шуғли пахтакорӣ дарёфт. Момои 91-сола 43 соли умрашро ба кори саҳро бахшид. Имрӯз ӯ давлати пирӣ меронад. Ҳар сол барои истироҳату мустаҳкамсозии сиҳатиаш ба осоишгоҳҳо роҳ пеш мегирад.

Ҳар гоҳ фарзандон бо абераю чабераҳо ҷамъ оянд, ҳавлии собиқадори меҳнат, бонуи насиҳатгару дуогӯй ба тӯйхона – макони хушу хурсандӣ мубаддал мегардад.

Ба қарибӣ гувоҳ шудем, ки Рисолат Раҳимоваи бардаму солим чун хонуми ҷавон бе кӯмаки нафаре қоматашро рост карда, дар кӯчаашон қадам мезад.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# Ҷаҳони зан



# АТРИ ЗАН РАНГАШ АЁНУ БӮЯШ НИҲОН АСТ,

## ё худ зебу зинати занони замони Сомониён

Зебу зинат – ашёи ороишӣ, ҷавоҳироти ба санъати заргарӣ офаридашуда ба ҷозибаи занон меафзояд. Онҳо асосан аз тилло, нуқра, ёқут, зумрад суфта мешаванд. Зебу зинати минтақа ва замони гуногун бо хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунанд.

Фаразан, дар замони Сомониён занони бухорӣ барои ба ҳуснашон афзудан зебу зинатҳои гуногунро меовехтанд. Онҳо зебу зинатро дар давраи арӯсӣ ва тӯю маросимҳо меовехтанд. Дар вақтҳои дигар ашёҳои заргарӣ (ангуштарин, дастпона, марҷон, гӯшвора) меовехтанд, ки барои ҳаракати сабук ва чолокӣ халал намерасонд. Гӯшвора, дастпона ва марҷонҳои гуногунро духтарон аз хурдсолӣ меовехтанд, зеро онҳо ҳамчун ороиш ва муҳофизат аз чашми бад хидмат мекарданд. Ҳамчунин, онҳо барои мавриди таваҷҷуҳи дигарон қарор гирифтан ё намоиш додани дороии худ ба ороиши зоҳирӣ рӯ овардаанд. Аз ҷумла, дар Бухоро аз марҷон, ба сифати ашёи ороишӣ ба таври густурда истифода бурдаанд. Марҷон ҳамчун ороишот ба гардан овехта мешуд. Яке аз марҷонҳое, ки занони бухорӣ ба гардан меовехтанд, тавқ буд. Онро ҳалқавор ба гардан меовехтанд.

Мегӯянд, ки Муқаннаъ ал-Хуросонӣ Ҳошим ибни Ҳаким ба яке аз занҳояш тавқ ҳадя кардааст.

Занон худро бо иқд низ оро медоданд. Иқд риштаест, ки ба он дурру сангҳои гаронбаҳо кашида мешуд ва онро низ ба гардан меовехтанд. Чуноне ки Ал-Кирмонӣ дар «Ахбор-уд-дувал» қайд кардааст, зани Амир Исмоил ибни Аҳмад, ҳангоми ба сафар баромадан, ба гарданаш иқди гаронбаҳо меовехт.

Зеби гардан низ яке аз зинатҳоест, ки қафаси синаи занонро оро медод. Занони Бухоро худро бо дастпонаҳои тиллоӣ низ оро додаанд. Ҷойи дастпона миёни дасту оринҷ буд.

Занони бухорӣ оро додани ангуштони худро фаромӯш накардаанд. Вале мо дар манбаъҳои дастрасшуда ба маълумоте, ки занон ангуштони худро бо ангуштарин оро додаанд, дучор наомадем.

Занони Бухоро тибқи мӯди аҳди худ ба бофтану орои мӯй эътибор медоданд. Доир ба ороиши мӯйи онҳо Матаронӣ аш-Шошӣ фармудааст: «...ба ҳар ҷойе, ки по мениҳод, мӯяш нақши пояшро мебӯсид».

Дар ин кор шонаву оина хидмати беминнат кардаанд. Ҳунармандон аз устухони фил ва дарахти обнус шона сохтаанд.

Яке аз анвои ороишоти занон ҷисмҳои хушбӯй буд. Хушбӯйиҳо арзиши баланд доштанд. Биноан, барои ба меҳри халифаҳои Аббосӣ афзудан, ба онҳо хушбӯйиҳо тӯҳфа кардаанд. Паёмбари ислом Муҳаммад (а.в.) низ мегӯяд: Атри зан рангаш аёну бӯяш ниҳон. Аксарияти шоирон ба сифати он низ пардохтаанд. Абубакр ал-Хоразмӣ фармудааст: «Кулли хушбӯйиҳо бо нафаси маҳбуба моро табрик мекунанд». Хушбӯйии дигаре, ки мавриди истифода буданд, миск (мушк) мебошад. Ал-Алӣ дар «Ат-Таъзиқ» қайд кардааст, ки он моддаест дар нофи ғизол (як навъи оҳу) пайдо мешавад. Бухоро рӯзгоре дар коркарди миск, ки ба баъзе шаҳрҳои исломӣ интиқол дода мешуд, машҳур гаштааст.

Бухориён анбарро низ истифода бурдаанд. Тавре ки Ал-Қашқандӣ гуфтааст, он аз сангу чашмаҳо таровида, берун меояд ва дар баҳр ҷамъ мешавад. Агар баҳр дамад, амвоҷ ба хурду бузург тақсим мешаванд ва анбар ба вуҷуд меояд.

Як навъи хушбӯйии дигар уд буд, ки аз равғани дарахт гирифта мешуд. Бухориён аз миск, анбар ва камми фора атр сохта, ба он номи ғолияро додаанд, ки Аз-Зандувистӣ дар «Равзат-ул-уламо» доир ба он маълумот додааст. Мардҳо гоҳо ба риши худ ғолия мемолидаанд.

Новобаста ба давру замон дар фарҳанги либоспӯшӣ ва зебу зинати занон унсурҳои маҳаллӣ ҳифз шудаанд, ки осори он то имрӯз дар зиндагии мо баръало намоён аст.

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳон Берунӣ.**

# НИМ АСР – ҲАМДАМ БО ҚАЛАМ



*Бувад аз барги гул нозук дили зан,*
*Ҳарими сина бинмо манзили зан.*
*Замин аз мақдами ӯ гулситон аст,*
*Ҳазорон лола рӯяд аз гили зан...*

Модар, Устод, Мураббӣ! Вақте ин вожаҳои зебою гӯшнавозро ба забон мегирам, бевосита симои зане пеши назарам меояд, ки тамоми умри бобаракати хешро сарфи хидмати мардум намуда, бо хоксорию ҳалимӣ, ширинзабонию кордониаш боиси эҳтирому боварии халқу миллат гаштааст.

Ӯ рӯзноманигор, модари мушфиқ, устоди сахтгиру меҳрубон ва бонуи пазандаву ҳунарманд аст. Дар тамоми масъалае, ки дар рӯзгор дар мемонед, тайёр аст, ки ба шумо роҳи дурусти зиндагиро ҳидоят намояд.

Базморою равшангари хонадон аст. Бо зарофатгӯӣ ва шеърхонӣ маҳфилорои ҳар анҷуман мебошад, ки ин хислати ҳамидаи эшонро борҳо мушоҳида намудаам.

Ҳар як ҷавонзану духтарони имрӯза метавонанд, ҳамчун идеали хеш дар зиндагии худ, рафтору кирдор ва суханронию ҳунармандии эшонро ба тариқи намунаи ибрат истифода баранд.

Ин бону Ӯғилой Ҷурабоева мебошад, ки 21 марти соли 1954 дар деҳаи Янгибоғи ноҳияи Узун, дар оилаи деҳқони асил таваллуд шудааст. Аллакай аз даврони мактабӣ бо доноию ҳозирҷавобӣ тамоми устодонро дар ҳайрат гузошта буд. Қобилияти рӯзноманигорӣ ва шоирӣ барвақт, дар айёми ҷавонияш, дар рагу хуни Ӯғилой туғён мекард, ки инро мо аз суханронии устодон ва ҳамкасбҳои эшон пай бурдем. Бо маслиҳати устодон ва падару модари меҳрубонаш, Ӯғилой ҳуҷҷатҳояшро соли 1970, пас аз бомуваффақият ба итмом расонидани мактаби миёнаи рақами 30-юми ноҳияи Узун, ба шуъбаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супорида, таҳсил намуд. Соли 1975 донишгоҳро бо баҳои аъло хатм намуда, ба зодгоҳаш баргашта, дар рӯзномаи ноҳиявии “Сариосиё ҳақиқати” ба ҳайси мухбир ба кор шурӯъ мекунад. Аз соли 1980 то соли 2004 дар мактабҳои рақами 12 ва 14-уми ноҳияи Узун, омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик шуда кору фаъолият бурдааст. Дар тӯли ин солҳо чандин шогирдони фаъолро тарбия намуд. Ягон озмуну олимпиадаи фаннӣ набуд, ки шогирдони эшон иштирок накунанд, ки ин аз самараи хуби меҳнати устод дарак медод. Пайваста мақолаву лавҳа ва ҳикояву шеърҳои хонданибобаш дар рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ аз чоп мебаромад. Аввалин китоби ин бонуи ҳунар дар соли 2017 бо номи “Рози дил”, ки дастраси мухлисон гашт, як падидае буд дар ҳавои шеъри ноби тоҷикӣ, ки дили ҳазорон муштариёни хешро ба тасхир бурда буд. Ӯғилой дар навбати худ тарҷумони боистеъдод низ ҳаст, ки дар соли 2019, аз осори Абдулло Қаҳҳор тарҷума намуда, китобе бо номи “Анор” аз чоп бароварда, пешкаши мухлисон гардонда буд. Қалби ин зани хоксору меҳнатдӯст, ки моломоли ишқу муҳаббати пок аст, намехоҳад, ки хурдтаракон низ аз ашъори ғаниаш бебаҳра монанд. Аз ин рӯ, тасмим гирифт, як маҷмӯаи шеъру афсонаҳои ҷаззоб баҳри кӯдакон ва хурдсолон пешкаш намояд, ки ин орзуи Ӯғилой соли 2020 амалӣ гашт.

Китобе бо номи “ Харгӯшаки гурезпо” бо нақшу нигор ва сурату манзараҳои дилфиреб аз чоп баромад.

Гарчанде устод соли 2004 ба нафақа баромад, то ҳол аз эҷоду меҳнат намеҳаросад. То ҳол саҳифаҳои рӯзномаи “Боботоғ тонги”-ро бо шеъру мақола ва тарҷумаю лавҳаҳояш зебу оро медиҳад.

Устодро қаламашон доимо бурро бошаду хотири мухлисонашро бо маводи тару тозаи хонданибоб шод гардонад!

*Агарчи илмро дарёӣ, устод,*
*Зи хуршеди ҷаҳон болоӣ, устод.*
*Аз он ки фарз бошад илму ирфон,*
*Биҳамдуллаҳ, ту худ дунёӣ, устод!*

**Саодат САНГИНОВА,**
**директори мактаби рақами 82-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

*Бонувони сухангӯ*

# МУҲАББАТИ КАСБ



Вақте дар саҳифаи «Ҷаҳони зан»-и рӯзнома рукни нави «Бонувони сухангӯ» ташкил гардид, беихтиёр симои дилкаш ва зебои муҳаррири гуфторҳои бахши тоҷикии радиоканали “Маҳалла” Муҳаббат Ҷиянбоева намоён гашт. Бо Муҳаббат наздики 15 сол дар шуъбаи тоҷикии радиоканали “Тошканд” ҳамроҳ ифои вазифа намудем...

Вақте дар оилаи амаки Ҷӯрабой ва холаи Умурҷон фарзанди ҳаштум – духтарчаи дӯстрӯяке ба дунё омад, ӯро Муҳаббат ном гузоштанд. Муҳаббат маъноҳои зиёде дорад – муҳаббат ба Ватан, муҳаббат ба падару модар, муҳаббат ба фарзанд, ба халқу диёр, ба касб... Ҳамаи ин хислатҳо дар симои Муҳаббат таҷассум аст.

Муҳаббат соли 1970 дар деҳаи зебоманзари Нанайи ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд дида ба дунё кушодааст. Мактаби миёнаи рақами 44-умро бо медали тилло хатм намуда, ҳамон сол ҳуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи давлатии маданияти Тошканд ба номи Абдулло Қодирӣ супурд ва донишҷӯ гардид. Ба туфайли дониши аъло, одобу ахлоқи ҳамидааш дар чорабиниҳои адабӣ, маънавию фарҳангии донишкада садри маҳфилҳо буд.

Сухани бурро ва талаффузи ширин дорад Муҳаббат.

**– Ин истеъдод аз волидайн ба шумо гузаштааст. Ҳамин тавр?** – пурсидем аз ӯ.

– Бале, сухандониву сухангӯӣ ба ману хоҳари калонам Шарофат аз падару модарам гузаштааст. Аз хурдӣ ба наттоқӣ таваҷҷуҳ доштам. Китобу рӯзномаҳоро гирифта, дар назди оина ба наттоқони телевизион тақлид карда мехондам. Падарам инсони маърифатпарвару равшанфикр буд. Аз ашъори Бедил, Машраб хиргоҳӣ карданро дӯст медошт. Дар тӯю маъракаҳои ҳамдеҳагон ғазалхониву достонхонӣ мекард. Модари 93-солаам низ китобдӯст аст, фориғ аз кору бори рӯзгор ва тарбияи фарзандон китоб мехонд. Ба мо низ инро талқин менамуданд. Ҳангоми ба бародаронам арӯс ҷустан, таъкид мекард, ки арӯс бояд илмдӯст, аз оилаи зиёӣ бошад, ҳамон вақт ба фарзандон тарбияи дуруст медиҳад, ба аҳли оилаи шавҳар муносибат ва рафтори хуб мекунад. Модарам бадеҳахону қиссагӯи моҳир. Аз ҳаёти гузаштааш саргузаштҳои хотирмонро бисёр ҳикоя мекунад. Назар ба нақли модарам солҳои мактабхонӣ духтарону писарони деҳаро барои пахтачинӣ ба Мирзочӯл мебурдаанд. Модарам шӯхиомез ба бригадир, ки Аҳмедов будааст, бахшида шеър гуфтааст:

*Оқ шапка, қизил шапка, Аҳмедовга ярашган.*
*Боғистонни қизлари Мирзочўлга адашган...*

Муҳаббат фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун сухангӯйи гуфторҳои тоҷикии таҳририяти “Дӯстлик”-и Ширкати телевизион ва радиои ҷумҳурӣ оғоз намуд. Дертар дар кафедраи радио ва телевизиони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон чанд муддат кор кард. Аз соли 2017 то ҳол муҳаррири калони гуфторҳои тоҷикии барномаи ахбору таҳлилӣ ва мусиқии “Меҳрангез”-и радиоканали “Маҳалла” мебошад. Аз ҳаёти инсонҳои меҳнаткаш, саховатпеша, ватандӯсту халқпарвар суҳбату лавҳаҳо омода месозад. “Меҳрангез” ҳафтае се маротиба: сешанбе, панҷшанбе ва шанбе соати 22.30 – 22.45 пахш мегардад.

**– Солҳои охир бо ташаббуси Президент ба муносибати дӯстиву бародарии халқу миллатҳо эътибори алоҳида нигаронда мешавад. Барои рушди забон, фарҳанг, урфу одат ва арзишҳои миллии онҳо майдони васеъ омода карда шудааст. Пӯшида нест, солҳои охир шунавандагони барномаҳои радио ба дараҷае коҳиш ёфтаанд. Дар ин хусус чанд сухан мегуфтед.**

– Бале, дуруст гуфтед. Вале ҳар як матоъро харидори худаш ҳаст. Дар мамлакат миллату халқиятҳои гуногун дӯстона ҳаёт ба сар мебаранд. Чи хеле ки гуфтем, солҳои охир дар қатори дигар миллатҳо ба фаъолияти мактабу маориф, рӯзномаву маҷалла, китоб, барномаҳои телевизиону радиои тоҷикӣ майдон фарохтар шуд. Радио мактаби маҳорати сухангӯӣ аст, ҳар як ҳарф, ҳар як суханро фикр карда, санҷида баъд баён намудан лозим меояд. Муштариён ба гуфторҳои тоҷикӣ занг зада, дархост менамоянд, ки гуфторҳои адабӣ, намунаҳо аз панду андарзҳои бузургон, суруду таронаҳои дилангез бештар садо диҳанд.

**– Чи тавре ки роҳбари давлат хотиррасон мекунад, занону духтаронро ҳамқадами замон бояд тарбия намуд, онҳоро ҳарчи бештар ба кору лавозими давлатӣ ҷалб намуд, ки ҳамон вақт оилаҳои замонавӣ ба миён меоянд, фарзандони солим, ҷаҳонбиниашон васеъ тарбия мeёбанд. Оё дар ин хусус шуморо муҳити оила дастгирӣ мекунад?**

– Албатта, зан аввало кадбону, корҳои рӯзгор, тарбияи фарзандон вазифаи аввалиндараҷаи ӯст. Агар муҳити оила созгор бошад ва дар оила сулҳу салоҳ ва якдигарфаҳмӣ бошад, корҳо бомуваффақият пеш мераванд.

Муҳаббат ҳамсари меҳрубони Баҳодурҷон, модари ғамхори Беҳруз, Сиёвуш ва Самирҷон мебошад. Беҳрӯз ва Сиёвуш муассисаҳои таълими олии кишварро хатм намуда, ҳоло таҳсилро идома медиҳанд.

Рӯзе ҳамдеҳаам Муртазо Раҳимов, ки ронанда асту вақти зиёди худро дар роҳ мегузаронад, гуфт, ки барномаи тоҷикии “Меҳрангез”-ро дар сари чанбари мошин бисёр мешунавам. Барандаи он хеле зебо ҳарф мезанад, шеъру ғазалҳоро ифоданок қироат мекунад.

Ногуфта намонад, ки Муҳаббат дар тарҷума ва овоздиҳии як қатор филмҳои бадеӣ ва мултипликатсионӣ маҳорати худро нишон додааст.

Бале, бахти журналист ё эҷодкор дар он аст, ки шунаванда ё хонанда ба эҷодаш ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намояд, ба муаллифи офаридаҳояш баҳои баланд диҳад.

Суҳбаторо
**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

*Ривоят*

# Ширинтарин душмани модар

Писаре, ки мехост аз модари пираш халос шавад, ӯро ба китфонаш бардошта, роҳи кӯҳро пеш гирифт. Роҳе, ки ҷавон модарашро мебурд, аз анбуҳи ҷангал мегузашт. Модар болои китфони фарзанд шоху барги дарахтонеро, ки аз пешаш мебаромад, мешикаст ва дар роҳ мепартофт. Писар банди андешаи ғайриинсонии худ ба ин кори модар аҳамият ҳам намедод. Чун ба қуллаи кӯҳ расиданд, ҷавон модарашро дар сояи санге гузошту ҷониби деҳа баргашт. Вале ҳамин ки вориди ҷангал шуд, роҳашро гум кард. Баъди сарсониҳои зиёд ба назди модар баргашт, то аз нав ба роҳ барояд. Модар парешонхотирии писарашро дид ва ба меҳрубонӣ ба наздаш хонду гуфт:

– Писарам, ман медонистам, ки ҳангоми бозгашт роҳгум мезанӣ, ба ин хотир, дар роҳ шоху баргҳоро шикаста партофтам. Ин бор, ки рафтӣ, шоху барги партофтаи маро меёбӣ. Саломат баргард, писарам!

Аз меҳрубонии модар чашмони писар об гирифт ва модарро ба хона бурду эҳтиромаш дошт.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 4742 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.